# 3975 - Издивоҷ бо зани ғайримусулмон ба хотири ба даст овардани ҳуқуқи иқомат

**савол**

Ман ба хотири ба даст овардани ҳуқуқи иқомат дар кишвар ва гирифтани шиноснома мехоҳам бо як зани кофир издивоҷ бикунам. Оё ҷоиз аст, ки танҳо бо ин мақсад бо ӯ издивоҷ бикунам?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин саволро ба Шайх Муҳаммад ибни Солеҳ Ал-Усаймин (Аллоҳ ӯро ҳифз кунад) пешниҳод кардем, чунин посух дод:

Агар ӯ аз ҷумлаи заноне бошад, ки издивоҷ бо ӯ ҷоиз аст, ҳеҷ боке надорад, зеро паёмбар (**дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)** фармудааст: **«Зан барои чаҳор чиз издивоҷ карда мешавад … ».** Аз ҷумла молро ҳам зикр кардааст. Ин монанди он аст.

Агар бо ӯ ба хотири ба даст овардани иқомат издивоҷ бикунад, ҳеҷ боке надорад, ба шарте, ки пас аз ба даст овардани иқомат нияти талоқи ӯро надошта бошад.

Аллоҳ донотар аст.